**«Тасдиқ мекунам»**
Директори Институти иқтисодиёт
ва демографияи АМИТ
д.и.и. Бобозода К.О.
«29» ____09____ 2025с.

# ХУЛОСАИ
## Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Диссертатсияи Комилова Камила Наврузовна дар мавзуи: «Такмили стратегияи маркетингии рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар давраи муосир», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.26. – Маркетинг дар шуъбаи тадқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ анҷом дода шудааст.

Комилова Камила Наврузовна, соли таваллуд 14.04.1995, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, миллаташ тоҷик. Соли 2017 факултети молия ва қарзи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси молия ва қарз хатм намудааст. Соли 2021 дар ҳамин донишгоҳ маълумоти дуюм аз рӯи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ гирифтааст. Соли 2024 шуъбаи магистратураи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси идораи давлатӣ хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатиашро ба ҳайси коргузор дар ҶСП «Комбинати шири Душанбе» аз соли 2011 оғоз намудааст. Аз моҳи декабри соли 2022 то ҳоло дар вазифаи сармутахассиси шуъбаи рушди сайёҳии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе фаъолият намудааст.

Соли 2020 ба ҳайси унвонҷӯи шуъбаи тадқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии Институти иқтисодиёт ва демографияи

Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, мувофиқи Фармоиши директори ИИД АМИТ № 54 аз 04 декабри соли 2020 қабул гардидааст.

Комилова К.Н. дар мавзуи «Такмили стратегияи маркетингии рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар давраи муосир» таҳти роҳбарии Шарифзода Б.М. д.и.и., дотсент дар асоси қарори Шурои олимони Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 27.11.2020, протоколи №11 фаъолияти илмиро сар кардааст.

Диссертатсияи Комилова К.Н. дар мавзуи: «Такмили стратегияи маркетингии рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар давраи муосир» дар шуъбаи тадқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ омода шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Шарифзода Б.М. – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сарходими илмии шуъбаи тадқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (қарори Шурои олимони аз 27.11.2020, протоколи №11).

Диссертатсияи Комилова К.Н. дар мавзуи: «Такмили стратегияи маркетингии рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар давраи муосир» дар ҷаласаи васеи муштараки шуъбаи тадқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷӣ ва шуъбаи тадқиқоти рушд ва ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунандаи Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ аз 26 сентябри соли 2025, таҳти суратҷаласаи № 5 муҳокима гардид.

**Унвонҷӯ Комилова К.Н. имтиҳонҳои минимумро:**

- аз фанни таърих ва фалсафаи илм - 11 майи соли 2022 бо баҳои «хуб» ва аз фанни забони англисӣ – 17 декабри соли 2024 бо баҳои «аъло» дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон супорид;
- аз фанни тахассусӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – менеҷмент, нархгузорӣ ва маркетинг – 30 ноябри соли 2024 дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо баҳои «аъло» супорид.

Унвонҷӯ оид ба мавзуи диссертатсионӣ 14 маводи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст.

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи Комилова Камила Наврузовна дар мавзуи: «Такмили стратегияи маркетингии рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар давраи муосир» ба масъалаҳои мубрами муосири илми иқтисодӣ бахшида шудааст, ҳамзамон бо забони илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок гардидаанд.

**Мубрамияти мавзуи диссертатсия.** Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бонкҳои тиҷоратӣ ва бозори бонкӣ ба истифодаи технология ва воситаҳои маркетингӣ таваҷҷӯҳи хоса надоранд. Дар иқтисоди миллӣ бахши бонкӣ зери таъсири омилҳои гуногун, инчунин афзоиши шумораи бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд, воридоти сармоягузории хориҷӣ, инчунин интиқоли маблағҳои пулӣ аз муҳоҷирон аз хориҷи кишвар, ба рушди динамикӣ ва экстенсивии низоми бонкӣ бо пешниҳоди маҳсулотҳои нисбатан маҳдуд (қарзҳо, пасандозҳо, амалиёти асъорӣ, пардохтӣ ва ғайра) ба муштариён, ки самараи баланд медод, истифодаи стратегия ва технологияҳои маркетингӣ маҳдуд буд.

Дар шароити муосир вазъият дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ тадриҷан ва сифатан тағйир ёфт. Мавқеи бозории муштариён бартарӣ пайдо карда, тамоюли гузариши фаъолияти низоми бонкӣ ва ташкилотҳои қарзӣ аз шароити «бозори фурӯшанда» ба «бозори харидор» майл дорад. Инчунин, низоми бонкии Тоҷикистон паи ҳам ба вазъияти бухронӣ (солҳои 2008-2010 ва 2015-2018) дучор шуда, маҳдуд шудани пойгоҳи захиравии бонкҳои тиҷоратӣ, дастрасӣ ба сарчашмаҳои берунаи молиявӣ, маҳдудиятҳои сафарбарии пасандозҳои дохилии озоди субъектҳои иқтисоди миллӣ, мушкилотҳои ҷойгиркунии фоидаовар бо хавфҳои паст дар намуди қарзҳо ва сармоягузориҳо дар иқтисодиёти миллӣ ва соҳаҳои он, ба ҳолати молиявии бонкҳои тиҷоратӣ таъсири манфӣ расонид. Ин боиси паст шудани бозоргирӣ ва пардохтпазирии

бештари муассисаҳои қарзии ватанӣ гашт, инчунин ду адад бонкҳои низомсоз (ҶСК «Агроинвестбонк» ва ҶСК «Тоҷиксодиротбонк», се бонкҳои миёнаҳаҷм (ҶСП «Фононбонк», ҶСП «Тоҷпромбонк», ҶСК «Акссес-бонк») ва даҳҳо ташкилотҳои қарздиҳии хурд муфлис гашта, боиси сар задани буҳрони низоми бонкӣ шудаанд.

Буҳрони бонкӣ мушкилотҳои ҷиддиро дар фаъолияти ташкилотҳои қарзии ватанӣ ба миён овард, аз ҷумла ба талаботи муштариён номувофиқ будани бештари маҳсулотҳои анъанавии бонкӣ, ки боиси таъсири манфӣ ҳам ба фаъолияти муштариён ва ҳам ташкилотҳои бонкӣ шуда, боиси паст шудани суръати рушди иқтисодиёти миллӣ ва сатҳи зиндагии мардуми кишвар шуд. Инчунин, муҳлати ворид шудан ба давраи бӯҳрони бонкӣ ва баромадан аз он нисбатан «тӯл» кашид, коҳиши ҳиссаи пасандозҳои ҷалбшуда ва пешниҳоди қарзҳо ба иқтисодиёт нисбат ба ММД аз ҷониби ташкилотҳои бонкӣ мушоҳида гашт. То ҳол, сатҳи ин нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкӣ дар муқоиса на танҳо бо кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, балки бо кишварҳои ИДМ ва Осиёи Марказӣ (Қазоқистон, Узбекистон, Кирғизистон) паст буда, боиси коҳиши рақобатпазирии низоми бонкӣ ва муштариёни ватанӣ, низ шудааст.

Дар шароити муосир, зери таъсири омилҳои гуногун, инчунин, хатарҳо ва таҳдидҳои нави беруна вобаста ба дигаргунии иқлим, вазъи ногувори бозорҳои молиявӣ ва молии глобалӣ ва минтақавӣ, аз як тараф, ва таъсири омилҳои дохилӣ, танҳо он бонкҳои тиҷоратӣ, ки дар шароити муосир усулҳо ва воситаҳои стратегияи маркетингиро, аз ҷумла таҳлилиояндабинии миёна ва дарозмуддати тағйирёбии бозори бонкӣ ва сегментатсияи он, азхудкунии талаботи муштариён бо назардошти «сикли зиндагӣ» ва омилҳои таъсиррасон, ки ҳамчун асос барои коркард ва пешниҳоди маҳсулотҳои гуногуни бонкӣ ба талаботи муштариён нигаронидашуда, инчунин, маҳсулотҳои анъанавӣ ва рақамӣ (қарзҳо, пасандозҳо, интиқоли маблағҳо, амалиётҳои асъорӣ ва ғайра) бо

истифодаи каналҳои гуногуни интиқоли онҳо то муштариён, аз ҷумла, тариқи технологияҳои интернетӣ, воситаҳои алоқаи мобилӣ ва ғайра, пешкаш карда метавонад, рақобатпазир боқӣ мемонанд.

Дар шароити муосир самти муҳимтарини тақвияти фаъолияти бонкҳои ватанӣ бо истифода аз маҷмӯи технологияҳои муосири стратегияи маркетингӣ, ки воситаи табдил ва тамаркузи онҳо ба қонеъ кардани талаботҳои гуногуни муштариёни анъанавӣ ва муштариёни эҳтимолӣ, бо назардошти тағйирёбии фаъолияти онҳо, боиси ба даст овардани устувории молиявии дарозмуддат ва рақобатпазирӣ шуда метавонад, ин такмил додани иқтидори идоракунии онҳо мебошад.

Бартараф намудани мушкилоти ташкили фаъолияти самараноки бонкҳои ватанӣ ба истифодаи стратегияи маркетингӣ ниёз дошта, зарурати таҳқиқотро инъикос менамояд ва мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил медиҳад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи талаботҳои стратегияҳо ва барномаҳои миллӣ (Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025) ва соҳавӣ (Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023 ва миёнамуҳлат омода шудааст.

Диссертатсияи мазкур дар доираи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Масъалаҳои назариявӣ-методологии рушди инноватсионии иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2021-2025 (рақами бақайдгирӣ №0121TJ1116 аз 15.03.2021) дар шуъбаи тадқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода шудааст.

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқот таҳқиқи заминаҳои назариявӣ-методологӣ ва асосноккунии тавсияҳои амалӣ оид ба

такмили стратегияи маркетингӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун унсури таъмини рақобатпазирии дарозмуддати онҳо ва устувории низоми бонкӣ дар шароити иқтисоди Тоҷикистон, ки доимо зери таъсири омилҳои беруна ва дохилӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Мувофиқи мақсади таҳқиқот вазифаҳои зерин гузошта ва амалӣ карда шуданд:

- таҳқиқи асосҳои назариявии ташаккул ва истифодабарии стратегияи маркетингӣ дар идоракунии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ;
- омӯзиши таҷрибаи хориҷии татбиқи стратегияи маркетингӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва имконияти татбиқи ҷузъҳои асосии он дар шароити низоми бонкии ватанӣ;
- таҳлил ва арзёбии татбиқи ҷузъҳои стратегияи маркетингӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратии ватанӣ;
- муайян кардани самтҳои афзалиятноки такмили стратегияи маркетингӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ, ин раванди татбиқи стратегияи маркетингӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ба шумор меравад.

**Мавзуи таҳқиқот.** Ба сифати предмети кори диссертатсионӣ муносибатҳои иқтисоди-молиявие, ки дар ҷараёни такмили стратегияи маркетингӣ дар фаъолият ва рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар давраи муосир ташаккул меёбад, баромад мекунанд.

**Фарзияи таҳқиқот.** Такмили стратегияи маркетингӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ боиси зиёд гардидани таъмини субъектҳои иқтисодӣ бо маҳсулоти бонкӣ гардида, барои гузариш ба рушди устувори ҳам низоми бонкӣ ва иқтисодиёти миллӣ, татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии халқ мегардад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро асарҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, ки ба маркетинг ва ташаккули низоми стратегияи маркетингӣ дар фаъолияти бонкҳо нигаронида шудаанд, ташкил медиҳанд. Барои асоснок кардании муқаррароти

назариявии кори диссертатсионӣ консепсияҳои мактабҳои мухталифи иқтисодӣ, аз ҷумла, асосгузорони назарияи маркетингӣ, менеҷменти молиявӣ ва стратегӣ дар шарҳи муосири он мавриди истифода қарор гирифтанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсус, инчунин абстраксияи илмӣ, мушаххасгардонӣ, гурӯҳбандӣ, таҳлили нишондиҳандаҳои нисбӣ, таҳлили омилӣ, таҳлили муқоисавӣ, ҷамъбаст ва гурӯҳбандии маълумот, усулҳои иқтисодӣ-риёзӣ ва монографӣ ва амсоли онҳо ташкил медиҳад.

**Сарчашмаи маълумоти** таҳқиқотро асарҳои бунёдии олимони ватанию хориҷӣ дар соҳаи маркетинг ва маркетинги стратегӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳо ва омори нашрнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин, ҳисоботҳои ташкилотҳои қарзии ватанӣ ташкил кардаанд. Дар раванди таҳияи кори диссертатсионӣ манбаъҳои электронии интернетӣ ва дигар бо назардошти саҳеҳияти махзанҳо истифода шудаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии унвонҷу ба дараҷаи илмӣ.** Натиҷаҳои фаъолияти илмии довталаб инъикос мекунад, ки тахассуси илмии ӯ ба ихтисос ва самти интихобшуда мувофиқат намуда, ба талаботҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ҷавобгуй мебошад.

Тадқиқоти илмии унвонҷу дорои навовариҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ буда, ба рушди низоми бонкӣ ва бонкҳои тиҷоратӣ мусоидат менамояд. Натиҷаҳои тадқиқот дар мақолаҳо, ки дар нашрияҳои илмии тақризшаванда интишор ёфтаанд, шумора ва мазмуни онҳо ба талаботи КОА-и назди Президети Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунанд.

**Навгонии илмии таҳқиқоти** диссертатсионӣ дар инкишоф ва асосноккунии муқарраროти назариявӣ-методологӣ, инчунин коркарди

тавсияҳои амалӣ оид ба такмили стратегияи маркетингӣ дар идоракунии бонкҳои тиҷоратӣ иъникос мегардад.

Дар ҷараёни таҳқиқот натиҷаҳои нави илмии зерин ба даст оварда шудаанд:

- таҳаввулоти назариявии мафҳуми стратегияи маркетингӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ таҳқиқ гардида, дар ин асос, зарурати гузариш ба модели фаъолияти ба муштариён нигаронидашуда асоснок шуда, аз тарафи муаллиф мафҳуми стратегияи маркетингӣ ҳамчун «низоми мукаммал ва мутобиқшавандаи таҳлил, банақшагирӣ ва идоракунии фаъолияти бонки тиҷоратӣ дар муҳити тағйирёбандаи муносибатҳои бозорӣ зери таъсири омилҳои дохилӣ ва беруна, ки ба ташаккули афзалиятҳои дарозмуддати рақобатӣ, афзоиши шумора ва устувории пойгоҳи муштариён, истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ бо мақсади таъмини рақобатпазирӣ ва самаранокии устувор нигаронида шудааст» пешкаш гардид;

- омӯзиши таҷрибаи хориҷии татбиқи стратегияи маркетингӣ дар доираи бонкҳои тиҷоратӣ зарурияти гузариш аз модели анъанавӣ ба модели ба муштарӣ нигаронидашуда дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон барои баланд бардоштани иқтидори рақобатпазирӣ дар асоси омӯзиш ва қонеъ гардонидани талаботҳои муштариёни ҷорӣ ва эҳтимолӣ ва истифодаи ҷузъҳои он барои баромадан аз вазъияти буҳронӣ тавсия дода шудааст;

- вазъи муосири рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ баррасӣ гардида, роҳу усулҳои такмили низоми бонкии Тоҷикистон бо назардошти татбиқи стратегияи маркетингии бонкӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ пешниҳод гардиданд;

- самтҳои афзалиятноки такмили стратегияи маркетингӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар Тоҷикистон дар марҳилаи дарозмуддат муайян гардид, аз ҷумла татбиқи модели ба муштариён нигаронидашуда дар фаъолияти онҳо ва истифодаи васеи технологияҳои рақамӣ, ки ҳамчун заминаи баланд гардидани эътимоднокии низоми бонкӣ,

дастрасии доимӣ ва паст гардидани хароҷотҳо ва хавфҳо барои муштариён баромад мекунад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои тадқиқот дар васеъгардонии ҷанбаҳои таҳқиқи илмию назариявии такмили стратегияи маркетингии рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар давраи муосир зоҳир гардидааст. Инчунин, аҳамияти он дар самҳмгузорӣ дар ҷустуҷӯйи роҳҳои нави такмили механизми идоракунии низоми бонкӣ истифода мегардад. Хулосаҳои методологии диссертатсия дар раванди мукаммалгардонии заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва таҳияи стратегияи такмили раванди танзими рушди устувори низоми бонкӣ, татбиқи ҳадафҳои миллӣ мемусоидат намоянд.

Натиҷаҳои асосии назариявии таҳқиқотро метавон барои такмили мазмун, сохтор ва методикаи таълими фанҳои «Маркетинг», «Идораи хавфҳои бонкӣ», «Молия, муомилоти пулӣ, кредит» ва «Фаъолияти бонкӣ» истифода намуд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки хулоса ва тавсияҳои асосие, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, метавонанд ҳангоми таҳияи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар низоми бонкӣ ва дар сатҳи бонкҳои тиҷоратӣ барои тақвияти фаъолияти маркетингии онҳо, раванди омӯзиши ниёзҳои субъектҳои бахши воқеӣ ва таҳияи маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои нав ва пешниҳоди онҳо дар асоси технологияҳои рақамӣ, барои баланд бардоштани самаранокии қарорҳои идоракунӣ ва таъмини рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити афзоиши рақобати ҷаҳонӣ ва зуҳури мушкилот ва таҳдидҳои нав истифода карда шаванд.

**Мутобиқати диссертатсия ба Шиносномаи ихтисосҳои илмӣ.** Мазмуну муҳтавои диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳое, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда аз рӯйи ихтисоси 5.2.26. – Маркетинг ва бандҳои он мувофиқ мебошанд:

2. Дастгоҳи мафҳумии методологии маркетинг. Таҳаввулоти консепсияи маркетинг. Консепсияи муосири маркетинги иҷтимоӣ;

3. Асосҳои назариявию методологии таҳқиқоти маркетингӣ. Методҳои коркарди проблемаҳои идоракунии маркетинг. Технологияҳои муосири гузаронидани таҳқиқоти маркетингии бозорҳои молу хизматрасониҳо;

7. Низомҳои муосири маркетингӣ. Ташаккул ва рушди низомҳои ҳамгироии иттилоотии маркетингӣ;

12. Раванди коркарди накшаи ҷорӣ ва стратегии маркетинг. Мониторинг ва бенчмаркинг. Механизми коркарди барномаҳои маркетингӣ, методҳои қабул ва амалигардонии онҳо;

14. Раванди коркард ва методҳои татбиқи стратегияи фаъолияти маркетингӣ. Стратегияи густариши сарҳадҳои бозор ва стратегияи диверсификатсия;

17. Бунёди каналҳои тақсими маҳсулот ва арзёбии маркетингии самаранокии ҳаракати мол;

18. Асосҳои маркетингии баланд бардоштани рақобатпазирии молҳо/ташкилот, стратегия ва тактикаи пешбурди мубориза рақобатӣ. Рақобати нархӣ/ғайринархӣ дар бозори молу хизмат;

23. Самтҳо ва шаклҳои ташкили маркетинг ва мутобиқатии онҳо ба шароити тағйирёбандаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

24. Фаъолияти маркетингии бонкҳои тиҷоратӣ. Маркетинги бонкӣ.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Вобаста ба мавзуи диссертатсионӣ 14 адад кори илмӣ дар ҳаҷми умумии 6,5 ҷ.ч., аз ҷумла 5 адад мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандае, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидаанд, чоп гардиданд. Инчунин, 8 адад мақолаҳо дар маводҳои конференсияҳои сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ чоп шудаанд. Хулоса мегардад, ки шумора ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ пурра муҳтавои диссертатсия ва автореферати онро инъикос менамоянд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосӣ ва муқаррароти кори илмии пешниҳодгардида дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ, семинарҳои илмию амалӣ маъруза гардида, аз тарафи ширкаткунандагон мақбул дониста шудаанд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Такмили механизми молиявию қарзии тараққиёти иқтисоди миллӣ», Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Душанбе, 5 октябри соли 2021); конференсияи байналмилалии 15-уми илмию амалӣ. (Нурсултон, Қазоқистон, 10-15 декабри 2021), конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Такмили муносибатҳои молиявию қарзӣ ҳамчун асоси ноил шудан ба мақсади чоруми умумимиллӣ - рушди босуръати индустриалии мамлакат», Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (Душанбе, 28 майи соли 2022); конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир: муаммоҳои рушд ва роҳҳои ҳалли онҳо», ДДМИТ, (11-уми марти соли 2023), конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Таҳкими сиёсати андозӣ-буҷетӣ дар марҳилаи нави рушди мамлакат», Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (31 майи соли 2024) баррасӣ гардиданд.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Натиҷаҳои илмии диссертатсияи Комилова К.Н. дар мавзуи «Такмили стратегияи маркетингии рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар давраи муосир» дар фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон (Маълумотнома таҳти №281-252/2304 аз 17.06.2025) дар раванди коркард ва татбиқи Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 истифода шудаанд.

Инчунин, натиҷаҳои илмии диссертатсия дар фаъолияти ҶДММ ТАҚХ «Стандарт Молия» (Маълумотномаи №41 аз 15.07.2025) дар

самти такмили низоми идоракунӣ дар асоси стратегияи маркетингӣ, такмили хизматрасониҳои муосири бонкӣ, аз қабили хизматрасониҳои фосилавӣ барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, таҳияи барномаҳо ва гузаронидани тренингҳои таълимӣ барои кормандон татбиқ ёфтаанд.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Ҳамаи давраҳои иҷрои таҳқиқот бо иштироки бевоситаи шахсии унвонҷӯ сурат гирифтааст. Саҳми шахсии унвонҷӯ дар тадқиқоти диссертатсионӣ дар муайян намудани номи мавзуъ, мақсад ва объекти тадқиқот, таҳқиқи равишҳои назариявӣ ва методологии моҳияти стратегияи маркетингӣ, дар асоси таҳқиқи таҷрибаи байналмилалӣ муайян ва пешкаш кардани унсурҳои самараноки он барои татбиқ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратии ватанӣ, арзёбии ҳолати муосири низоми бонкӣ ва татбиқи стратегияи маркетингӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ, таҳия ва мутобиқсозии модели стратегияи маркетингии ба муштариён нигаронидашуда ва асоснок намудани самтҳои афзалиятноки такмили стратегияи маркетингӣ дар заминаи технологияҳои рақамӣ, пешниҳоди хулосаҳо ва тавсияҳои илман асоснок зоҳир мегардад.

**Руйхати мақолаҳои чопшудаи унвонҷу дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

**[1-М]. Комилова К.Н.** Равишҳои назариявӣ оид ба муайян намудани моҳияти фаъолияти маркетингӣ дар бонки тиҷоратӣ// Комилова К.Н., Шарипов Б.М., Паёми молия ва иқтисод. 2022. № 3 (32). С. 39-45.

**[2-М]. Комилова К.Н.** Самтҳои афзалиятноки такмили истифодаи воситаҳои маркетинги рақамӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ/ Комилова К.Н., Шарифзода Б.М., Экономика Таджикистана, Душанбе, 2023, № 4, с 86-91

**[3-М]. Комилова К.Н.,** Тамоюли инкишофи маркетинги бонки дар Чумхурии Точикистон /Комилова К.Н., Шарипов Б.Р., Шарифзода Б.М.// Паёми молия ва иқтисод. 2023. № 4-2 (39). С. 243-252

**[4-М]. Комилова К.Н.,** Стратегияи истифодаи технологияҳои муосири маркетингӣ дар бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон// Комилова К.Н., Иқтисодиёти Тоҷикистон. 2024. № 2. С. 103-110.

[5-М]. **Комилова К.Н.,** Современные маркетинговые стратегии как инструменты развития конкурентоспособности коммерческих банков. // Комилова К.Н., Экономика Таджикистана, Душанбе, 2025, № 1, с. 158-170

**Руйхати мақолаҳои чопшуда дар дигар маҷаллаҳои илмӣ:**

[6-М]. **Комилова К. Н.** Банковский маркетинг как важнейший компонент системы управления коммерческими банками в современных условиях Таджикистана// К.Н. Комилова, Шарипов Б.М. Материалы рреспубликанской научно-теоретической конференции. «Вопросы совершенствования финансово-кредитного механизма развития национальной экономики». Таджикский национальный университет. (Душанбе, 5 октября 2021 года), Душанбе, типография ТНУ, 2020. -352 с. с. 195-200

[7-М]. **Комилова К.Н.** Совершенствование банковского маркетинга как инструмента эффективного управления коммерческими банками в постковидной экономике Таджикистана// К.Н. Комилова, Шарипов Б.М., Материалы международной научно-практической конференции «Проблемы развития национальной экономики в условиях постковидного мира». Институт туризма, предпринимательства и сервиса. (Душанбе, 29 октября 2021 г.», Душанбе, 2021, - 356 с. - с. 20-25

[8-М]. **Комилова К.Н.,** Банковский маркетинг как важнейший компонент системы управления коммерческими банками в современных условиях Таджикистана// К.Н. Комилова, Шарипов Б.М. Материалы республиканской научно-практической конференции «Совершенствование финансово-кредитного механизма развития национальной экономики», Таджикский национальный университет. (05 октября 2021 г.), Душанбе, 2021, - с.195-201

[9-М]. **Комилова К.Н.,** Совершенствование управления коммерческими банками в постковидной экономике Таджикистана// К.Н. Комилова, Шарипов Б.М., Материалы республиканской научно-практической конференции. «Состояние банковской системы Республики Таджикистан в период пандемии коронавируса (COVID-19)». Кулябский

государственный университет им. А. Рудаки. (11 декабря 2021 г., г. Куляб). Душанбе: «Ирфон», 2021. - 560 с. – с. 25-31

**[10-М]. Комилова К.Н.**, Совершенствование банковского маркетинга как инструмента эффективного управления коммерческими банками в постковидной экономике Таджикистана// К.Н.Комилова, Ф. А. Курбонова, Шарипов Б.М., Международный научно-методический журнал «Global science and innovations 2021: Central Sia», Материалы XV научно-практической конференции. (Нурсултан, Казахстан, 10-15 декабря 2021 г.). - с. 16-21

**[11-М]. Комилова К.Н.** Роль банковского маркетинга в обеспечении ускоренной индустриализации экономики Таджикистана//К.Н. Комилова, Шарипов Б.М., Материалы международной научно-практической конференции. «Совершенствование финансово-кредитных отношений как основа реализации четвертой национальной цели - ускоренной индустриализации страны»». Таджикский международный университет туризма и предпринимательства. (Душанбе, 28.05.2022.) Душанбе, 2022, - 302 с. - с .28-32

**[12-М].** Комилова К.Н. Развитие банковского маркетинга в Республике Таджикистан в период пандемии COVID-19// К.Н. Комилова, Ф.А.Курбонова, Шарипов Б.М., Финансовый вестник. 2022. № 1 (56). С. 13–19

**[13-М]. Комилова К.Н.** Роль банковского сектора в обеспечении ускоренной индустриализации в современной экономике Таджикистана//К.Н. Комилова, Шарипов Б.М., Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Рушди низоми бонкии чумхурии Точикистон дар шароити муосир: муаммохои рушд ва роххои халли онхо», ДДМИТ, (11-уми марти соли 2023), Душанбе – 2023, с.418, С. 33-40

**[14-М]. Комилова К.Н.** Роль маркетинговых стратегий в развитии конкурентоспособности коммерческих банков: современные вызовы и перспективы// Финансово-экономический вестник. Таджикский

государственный финансово-экономический университет, Душанбе, № 4-2 (43), 2024, с. 598-608

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Кори диссертатсионии Комилова К.Н. дар мавзуи: «Такмили стратегияи маркетингии рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар давраи муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.26. – Маркетинг пешниҳод гардидааст, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, теъдод ва интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия мутобиқат менамояд.

2. Кори диссертатсионии Комилова К.Н. дар мавзӯи: «Такмили стратегияи маркетингии рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар давраи муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.26. – Маркетинг пешниҳод шудааст, ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063-и назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи шуъбаи тадқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷӣ ва шуъбаи тадқиқоти рушд ва ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунандаи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (суратҷаласаи №5 аз 26.09. 2025) тасдиқ шудааст.

Натиҷаҳои овоздиҳии кушод:

Тарафдор – 17 нафар,

Зид – нест,

Бетараф – нест.

Якдилона қабул гардид.

**Раиси ҷаласа:**

мудири шуъбаи таҳқиқоти

назариявӣ ва робитаҳои иқтисодӣ,

доктори илмҳои иқтисодӣ Каримова М.Т.

Котиби ҷаласа:
ходими илмӣ Юсупова М.

Имзоҳои Каримова М.Т. ва Юсупова М. -ро тасдиқ мекунам:

Инспектори калон оид
ба кадрҳои Институти иқтисодиёт
ва демография АМИТ Махсутшоева З.Д.